## ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

**Суратҷаласаи № 2.**
**Ҷаласа оид ба оғози татбиқи лоиҳаи байналмилалии ERASMUS+ K2 "DigEco"**

14. 12. 2020 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:**

ТГФЭУ ДДМИТ Шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ Бахши кор бо грантҳо

Қодиров Ф.А.- муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ;
Махсутшоева З.-сардори шуъба;
Саломиёни Ш.- сармутахассис;
Хушвахтов М.- мутахассис;
СайфиддиновФ.- мутахассис;
Иброҳимова Ш.-мутахассис.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. **Ташкили гурӯҳҳои корӣ оид татбиқи лоиҳаи байналмилалии ERASMUS+ K2 "DigEco"**

Оид ба масъалаи ташкили гурӯҳҳои корӣ оид ба татбиқи лоиҳаи байналмилалии ERASMUS+ K2 "Рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун унсури рушди устувори Украина ва Тоҷикистон / DigEco 618270-EPP-1-2020-1-LT-EPPKA2-CBHE-JP" (DigEco) ҳисоби устодон муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Қодиров Ф.А. баромад намуда қайд кард, ки барои татбиқи лоиҳа устодони кафедраҳои факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ки он бештар ба факултети мазкур рабт дорад, ҷалб карда шаванд. Ҳамзамон муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ тақсимоти вазифаҳоро оид ба амалигардонии лоиҳа ба зиммаи худ гирифта, барои татбиқи лоиҳа ба кормандони шуъба ва мудирони кафедраҳои информатикаи иқтисодӣ ва моделсозии математикӣ ва иттилоотӣ супоришҳо доданд.

**БАРОМАД КАРДАНД:** Саломиён Ш.М. ва Сайфиддинов Ф. баромад карда, доир ба аъзоёни гурӯҳи корӣ ва тақсими салоҳитҳо суханронӣ намуда, оид ба мӯҳлат ва буҷаи вакт пешниҳодҳои мушаххас карданд.

**Қарор қабул карда шуд**:

1. Баромади муовини ректор оид ба робитаҳои байналилалӣ ба инобат гирифта шавад;
2. Ҳайати гурӯҳи корӣ маъқул дониста шуда, ба фармоили ректор ҳамроҳ карда шаванд;
3. Аъзоёни гурӯҳи корӣ нақшаи татбиқи Лоиҳа ва марҳилаҳои иҷрои масъулиятҳои худро тартиб дода, барои мувофиқа пешниҳод намоянд;
4. Оид ба корҳои иҷрошуда ҳар 15 рӯз ҳисобот пешниҳод намоянд.

Раиси ҷаласа Қодиров Ф.А.

Котиби ҷаласа Саломиён Ш.М.